Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.).

Масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке мавзуҳои муҳим дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти мавзуи мазкур дар он ифода мегардад, ки мақомоти номбурда бо хусусиятҳои худ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фарқкунанда буда, то имрӯз дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва таносуби онҳо бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода нашудааст. Зеро, ин гуна мақомот дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то замони Истиқлоли давлатӣ вуҷуд надошт ва тамоюли рушди онҳо аз солҳои аввали асри XX шурӯъ гардида, то имрӯз идома намуда истодааст.

Дар баробари он, ки мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои ташкилӣ ва функсионалии худ аз дигар мақомоти идоракунии давлатӣ фарқ мекунанд, ҳамзамон масоили дигари ба вазъи ҳуқуқии он, аз ҷумла ҷойи онҳо дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки таҳқиқи амиқи

илмӣ ва посухи илмиро металабад. Бо назардошти ин ва дигар масоили ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд, мавзуи таҳқиқшавандаро муҳим ва мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ифода карда шудааст. Аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант Изатуллозода П.Н. паҳлуҳои муҳимтарини мавзуи мавриди назарро фаро гирифта, нисбат ба масоили таҳқиқталаби он аз ҷониби диссертант баҳои асосноки илмӣ дода шудааст. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидаст.

Дар афтореферат диссертант навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва асоснок манзур намудааст, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Зеро, мафҳуми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои алоҳида ва таснифоти мақомоти мазкур, ҳамзамон давраҳои ташаккули онҳо, ки аз ҷониби диссертант ҳамчун нуктаҳои ҳимоявӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илми ҳуқуқшиносӣ то ҳол пешниҳод нагардидаанд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки диссертант дар кори анҷмопазируфтаи худ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст, вале баъзе масъалаҳои дигарро низ қайд намудан зарур аст. Аз ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия диссертант қайд менамояд, ки “дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду гурӯҳи мақомоти наздипрезидентиро ҷудо намудан мумкин аст: а) мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гурӯҳи якум, бо доштани ваколати ҳокимиятӣ, қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шакли

ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли фаъолият аз гурӯҳи дуюм фарқ мекунанд" (саҳ. 22). Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои ҳокимиятӣ надоранд ва бинобар ин, ба гурӯҳи "мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дохил нагардидаанд. Вобаста ба ин, нисбат ба диссертант савол ба миён меояд, ки чаро Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми машваратӣ ба гурӯҳи "мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дохил гардидааст?

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ инъикос гардида, аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Изатуллозода П.Н. дар фазои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст. Автореферат ва диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави

илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сулаймонзода М.С.

Имзои муқарриз М.С. Сулаймонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Тел: (+992 37) 221-62-25; (+992 37) 227-15-10. Факс: (+992 37) 227-15-10. E-mail: info@tnu.tj. Сомона: www.tnu.tj

“28” 03 2023 с.